**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ).**

Дар шароити иқтисодиёти бозории муосир рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт як инқилоби босуръати технологияи электронӣ дар ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ мебошад. Алоқаи мобилӣ муҳимтарин ҷузъи ҳаёти ҷамъиятӣ аст, ки он тамоми соҳаҳои истеҳсодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат ва фарҳангро бо ҳам муттаҳид намуда, маҳсулоти он хизматрасонӣ дар шакли паёмакнависӣ, иртибототи барномавӣ (замимаҳо) байни дастгоҳҳо ва таъмини воситаҳои техникии он, инчунин тамоми соҳа ва зерсохторҳои иқтисодиёти миллӣ дар шакли рақами технологияи электронӣ мебошад. Бинобар ин рушди бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ бо истифода аз тамоми имкониятҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт масъалаи рӯзмарра аст, ки муҳимияти кори диссертатсионии Алимова Муборак Алимҷоновнаро муайян менамояд.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия ба масъалаи назариявии “бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ” ва “алоқаи мобилӣ” таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, таҳияи мафҳуми муаллифӣ, тасниф ва сохтори бозори хизматрасонии алоқаи мобилиро дар шакли мукаммал пешниҳод кардааст. Ҳамчунин омилҳои такмили минбаъдаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, аз қабили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, техникӣ, технологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар автореферати диссертатсия таҳлили вазъи кунунии бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ бо коркарди маълумоти васеи оморӣ ва нишондиҳандаҳои ширкатҳои алоқаи мобилӣ оварда шудааст, ки имконияти муайян кардани таъсири раванди рақамикунониро ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ медиҳад.

Амсилаи оптимизатсионии пешниҳодшудаи муаллиф дар автореферат бо истифода аз усулҳои моделсозии иқтисодӣ-математикӣ дар асоси маълумоти ҷорӣ оид ба хизматрасониҳои мобилӣ, таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди ин раванд, инчунин таҳияи механзими

рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ низ боиси таваҷҷуҳ буда, аз ҷанбаҳои мустаҳками илмии кор ва маҳорати муаллиф шаҳодат медиҳанд. Инҳо дар маҷмӯъ метавонанд ба ташаккули бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири амиқ ва муассир расонанд.

Дар баробари ҳамаи ин комёбиҳо дар автореферати диссертатсия фаъолияти аксарияти ширкатҳои миллӣ вобаста ба талаботи рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ нокифоя арзёбӣ гардидаанд.

Вале ин камбудӣ қимати илмӣ ва амалии кори диссертатсиониро паст намекунад.

Таҳқиқоти кори диссертатсионии Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» кори мустақиман анҷом дода шуда арзёбӣ гардида, ба бандҳои марбути соҳаи илмии шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мутобиқат карда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи баҳисобгирии**
**бухгалтери, таҳлил ва аудити**
**Донишгоҳи давлатии**
**омӯзгории Тоҷикистон ба номи**
**С. Айнӣ** **Ойматов Бахтиёр Шораҳматович**

**Адрес: 734003 ш. Душанбе, пр. Рудакӣ, 121**
**Тел.: 918786364, E-mail: Bakha_007@mail.ru**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Имзои Ойматов Б.Ш-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсус** **А. Мустафозода**